Конституция-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 101 (4684) | ДУШАНБЕ, 14 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО НИЛС АННЕН

14-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Котиби давлатии парлумонӣ дар Вазорати ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон Нилс Анненро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар мулоқот ҷонибҳо вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмонро дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн баррасӣ карданд.

Дар ин зимн Пешвои миллат таъкид карданд, ки Тоҷикистон ва Олмон дар бахшҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ имкониятҳои васеи рушди робитаҳои судмандро доранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки ҷониби Тоҷикистон алоқаманди тақвияти минбаъдаи муносибатҳои созандаи миёни ҳар ду кишвар буда, соҳаҳои энергетика, бахусус гидроэнергетика чун манбаи рушди «энергияи сабз», илму маориф ва технологияҳо, масъалаҳои тағйирёбии иқлимро ҳамчун самтҳои ояндадори ҳамкориҳои ҳар ду ҷониб медонад.

Дар ҷараёни суҳбат, масъалаҳои вобаста ба баргузории нишасти сарони давлатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон низ баррасӣ гардиданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои ин чорабинӣ ба густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Олмон мусоидат хоҳад намуд.

Ҷонибҳо атрофи мавзӯъҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ мубодилаи афкор анҷом доданд.

www.prezident.tj

ТАСДИҚИ «СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038»

Таъмини муносиби ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

«Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038», ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023 таҳти №357 тасдиқ гардид, иқдоми навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта, он аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ, бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, тавсияҳои ниҳодҳои соҳавии СММ, инчунин Ҳадафҳои рушди устувор, таҳия ва қабул гардидааст.

Дар доираи ин санад маҷмӯи чорабиниҳое пешбинӣ гардидаанд, ки амалӣ гардонидани онҳо ба таҳкиму рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишвар мусоидат менамояд. Стратегияи мазкур тамоми нақшаҳои миллии мавҷуда вобаста ба иҷрои тавсияҳои ниҳодҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуҷҷатҳои дигари самти ҳуқуқи инсонро дар худ таҷассум карда, механизм ва расмиёти иҷрои уҳдадориҳои байналмилаливро дар самти ҳуқуқи инсон такмил медиҳад.

Ҳуҷҷати номбурда воситаи самараноки амалӣ гардонидани сиёсати ягона дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон тибқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, он ба ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таҳкими минбаъдаи нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

www.prezident.tj

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 аз қабули қарори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи «Соли ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025» ёдовар шуда, зикр карданд, ки «Воқеан, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад».

ДАР ДОИРАИ ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН КОРҲОИ ЗИЁД АНҶОМ МЕЁБАНД

Воқеан, ба туфайли сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар даврони истиқлолият мамлакат тавонист на танҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои судманди тарафайнро ба роҳ монад, балки роҳи беназирро ба дипломатияи дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ бунёдшуда пеш гирад. Ин имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ҳамчун кишвари таъсиргузор фаъол бошад.

Дар ин самт бояд доир ба ҳамкории судманду натиҷабахши мамлакат бо СММ ёдовар шуд, ки аз 29-уми январи соли 1992, баъди дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қатънома оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба сифати аъзо қабул гардидан, шурӯъ шуд. 2- юми марти соли 1992, зимни Иҷлосияи 46-уми Маҷмаи умумии СММ қатъномаи 46/224 оид ба шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ қабул гардид. Пайвастшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ пояи устуворро барои рушди ҳамкориҳо бо ин созмон, муассиса ва ниҳодҳои тахассусии он бунёд ниҳод. Ҳамин тариқ, кишвари мо тавонист дар муддати кӯтоҳ худро ҳамчун давлати дорои сиёсати созандаю бунёдкор ва ташаббускор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Боиси зикр аст, ки таърихи куҳанбунёди давлатдорӣ ва ҳаёти сиёсии тоҷикон замина гузоштанд, ки дипломатияи муосири тоҷик зуд ташаккул ёфта, ба сифати дипломатияи густурдаи бисёрҷонибаи ҳамкориҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардад.

Табиати биҳиштосои Ватани маҳбубамон аз сарватҳои гуногуни зеризаминӣ бой мебошад. Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он сарвату захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад.

Ҷониби Тоҷикистон рочеъ ба масоили оби тоза ва роҳандозии густурдаи дипломатияи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар соҳаи об нақши фаъол дорад. Ин аст, ки ҳалли мушкилоти вобаста ба обро дар сатҳи ҷаҳонӣ пайваста пайгирӣ мекунад. Дар робита ба дипломатияи мазкур ва дар пайравӣ аз ташаббусҳои созандаи марбут ба об бо пешниҳоди Тоҷикистон соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2018 - 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» бо қатъномаҳои СММ эълон гардиданд. Маҷмӯи чорабиниҳо ва тадбирҳое, ки дар ин самт аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои дигар анҷом дода шудаанд, собит месозанд, ки ин ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Президенти мамлакат мавриди истиқбол ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд. Албатта, ҷониби Тоҷикистон барои амалӣ намудани ин ибтикорҳо ба созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, пеш аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид, такя намуда,



татбиқи онҳоро пешбинӣ менамояд. Ногуфта намонад, ки ҳадафи асосии ин ташаббусҳо таъкиди зарур будани ҳамкориҳои созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об мебошад, зеро об манбаи ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Афзалияти асосии пайгирӣ, арзёбӣ ва таҳлилу омӯзиши мушкилоту масоили об дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон дар сиёсати хориҷии мамлакат, ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор будан аст.

14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатънома оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудани соли 2025-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Ин иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд. Он бо «Рӯзи байналмилалӣ» ва «Соли байналмилалӣ» (яъне эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, эълон шудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо») эълон шуданаш нодир маҳсуб меёбад. Масъалаи мазкур барои кишварамон бисёр мубрам аст, зеро дар Тоҷикистон 8492 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар маҷмӯъ масоҳати умумии пиряхҳои кишвар беш аз 8476 км^2- ро ташкил медиҳад. Ин пиряхҳо дар баландиҳои аз 3000 то 5300 метр аз сатҳи баҳр дар кӯҳҳои Помир (Шарқӣ ва Ғарбӣ), Ҳисор ва Олой ҷойгир буда, сарчашмаи асосии оби дарёҳои Сир, Зарафшон, Панҷ, Вахш, Ому ва ғайра мебошанд.

Маълум аст, ки бо рушди босуръати техника, технология, коммуникатсия, энергетика ва саноат авзои экологии ҷаҳон тавозунро гум карда, мушкилоти глобалиро афзунтар гардонидааанд. Солҳост, ки кишварҳои ҷудогона ва минтақаҳо қудрати бартараф кардани ин ё он мушкилоти глобалиро надоранд ва зарурат ба миён омадааст, ки бо талошҳои дастаҷамъӣ ҳалли мушкилотро имконпазир гардонанд. Мамлакати мо низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи башарӣ аз мушкилот ва таҳдиду хатарҳои глобалӣ дар канор буда наметавонад, баръакс аллакай панҷумин иқдом ва ташаббуси худро барои ҳалли мушкилоти об ва вазъи пиряхҳо пешниҳод кардааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳалли саривақтии ин мушкилот ҷалб созанд.

Ибтикороти Пешвои миллат Тоҷикистонро дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари пешсафу ташуббускор оид ба масъалаҳои об муаррифӣ карда, аҳли сайёра ин ташаббусҳои башардӯстонаро бо камоли эҳтиром ва эътирофи том пазируфтаанд. Дар маҷмӯъ, ташаббусҳои Тоҷикистон ба ҳадафҳои рушди устувори расман зери унвони «Табдилдиҳии ҷаҳони мо: рӯзномаи ҷаласа дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» пайвастагӣ доранд. Об дар кишвари мо ҳамчунин сарчашмаи энергияи сабз буда, дар Тоҷикистон 95 дарсади неруи барқ тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад. Кишвари мо аз нигоҳи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум ва аз рӯйи тақсимоти онҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Айни замон кӯшиш ба харҷ меравад, ки мо дар мамлакат аз захираҳои мавҷудаи обӣ ба таври самаранок истифода бурда, рушди усутворро таъмин намоем.

Мушкилоти марбут ба истифодаи захираҳои об дар маҷмӯъ ба масоили ҳифзи пиряхҳо - сарчашмаи асосии обҳо дар мамлакат ва минтақа пайвандии бевосита доранд. Мусаллам аст, ки пиряхҳо сарчашмаи асосии оби ошомиданӣ ва ширинанд, вале тағйирёбии иқлим барои ҳифзи онҳо монеа эҷод мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур солҳост, ки таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва Ҳукумати мамлакат барои андешидани чораҳои зарурӣ дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодааст.

Ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ иқдоми умедбахшест, ки мушкилоти ҳифзи пиряхҳоро то дараҷаи зарурӣ бартараф менамояд, зеро дар ин самт чораҳо ва корҳои зиёд анҷом хоҳанд ёфт.

Абдухалил ҒАФУРЗОДА,
ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Карамалишо КАРАМАЛИШОЕВ,
ноиби ректор оид ба илм ва инновасияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент

«Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон болоравад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд».

Эмомалӣ РАҲМОН

МАОРИФ – КАФИЛИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

Бар асари таҳаввулоти бузурги сиёсӣ – иқтисодии ҷаҳони муосир соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла дар мамлакати мо низ, ба як қатор мушкилу душвориҳо рӯ ба рӯ гардид. Маълум, ки пушти сар кардани ҳар гуна давраи гузариш ба осонӣ даст намедиҳад. Бо фарқ аз дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, ин раванд барои миллату давлати тоҷик ниҳоят сангин шурӯъ шуда, имтиҳони ҷиддие пеш омад.

Ба бахти миллат ҷавонмарде бо дили саршор бо ормонҳои миллӣ ба майдони мубориза омад, ки имрӯз ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳон маълуму машҳур мебошанд. Сарвари давлати давлати ҷавон дар якҷоягӣ бо ҳамраъйию дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд, ҳама он мушкилу монеаҳоро дар самти маориф ва илм дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ бартараф созанд.

Аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ва илми кишварро дар маркази диққат қарор дода, барои мусоидат ба пешрафти соҳаи мазкур тамоми кори аз дасташомада, ҳатто ҷое берун аз имкониятро низ, анҷом дод. Дар баробари таҳия ва қабули санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, навсозӣ ва сохтмони биноҳои нави таълимӣ муҷаҳҳаз бо техникаю технологияи муосир ҳадаф қарор дода шуд. Дар натиҷа, имрӯз дигар аз биноҳои куҳнаи таълимии замони шӯравӣ ҳаҷмдор, ки нишоне боқӣ намондааст. Дар баробари ин, шумораи литсей, гимназия, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ба маротиб зиёд гардиданд, ки дар онҳо акнун на танҳо ҷавонони тоҷик, балки аз хориҷи дуру наздик ҳам ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Мавриди баромадан аз буҳрони амиқу хатарноки сиёсӣ - иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи маорифи замоне хеле пешрафта, пеш аз ҳама хизмати бузурги Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро қайд кардан бамаврид аст. Дар баробари ин, табиати ҳисси зотии маорифпарваронаю азалии миллати тоҷик дар ин самт боиси кушоиши кор гардид. Миллате, ки ба ҷаҳон даҳҳо олимону шоирони сатҳи ҷаҳониро ҳадя кардааст, миллате, ки пеш аз ҳама бо қаламу маърифат дар асарҳои бозаволи илмию адабиаш дар олам шуҳрат пайдо кардааст, ҳаргиз бе маориф буда наметавонад. Бо сипос аз эҳё ва рушди маорифи тоҷик дар ҳаҷи шӯравӣ ёдовар бояд шуд, ки гузаштагони мо дар ин ҷода таҷрибаи бузургеро молик буданд. Афкори педагогии халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле ғанӣ аст. Бештари асарҳои намояндагони барҷастаи адабиёти классики тоҷику форс, ки рочеъ ба масъалаҳои одаму одамгарӣ, адолату некукорӣ, илму маърифат, фазлу адаб, ҷавонмардӣ, донишу амал, тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Дар хонадони ҳар як тоҷик ба китоб арҷгузорӣ ва ба таълиму тарбияи фарзанд эътибори ҷиддӣ дода, то ҷое ки китоб ҳамчун муқаддасот ёд карда мешуд. Имрӯзҳо ҳақиқат боло мегирад ва ҷаҳониён эътироф менамоянд, ки аз ҷумла, олимон, файласуфон, адибон, мутафаккирони классики тоҷику форс,чун Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Насриддини Тӯсӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва бисёр дигарон ҳанӯз дар замони худ таҳқурсии мустаҳками илму маорифро асос гузошта буданд, ки имрӯз уламои Аврупою Ғарб аз он васеъ истифода мебаранд.

Ҳаёт ҳамарӯза вазифаҳои нав ба нав ба миён мегузорад. Пӯшида нест, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар соҳаи маорифи кишвар ҳанӯз ҳам камбудию мушкилиҳо кам нестанд. Имрӯзҳо дар мамлакат нарасидани мутахассисон дар аксари соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ - илм, маориф, тандурустӣ, кишоварзию саноат эҳсос мегардад. Мушкили дигар, масъалаи омодасозии қадрҳои баландихтисос, тибқи талаботи ҷаҳони муосир, мебошад. Яъне, баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хонандагон, ҳавасмандӣ ва садоқати касбии мутахассисони соҳа мебошад, ки ҳалли онҳо, пеш аз ҳама, ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобастагии зиёд дорад.

Хушбахтона, ба ин ҳама нигоҳ накарда, маорифи мамлакат ба пеш ҳаракат дорад, ки дар ин комёбиҳо азму ирода, меҳру муҳаббат, заҳмати фидокоронаи кулли омӯзгоронро зикр кардан муҳим аст. Онҳо ҷавобан ба ғамхориҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон тамоми кӯшишу ғайрат, донишу таҷрибаи худро барои соҳибмаълумот гардидани насли ҷавон ба харҷ медиҳанд. Нақши омӯзгор дар рушду нумӯъ ва иқтидору устувории мамлакат хеле мондагор аст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, натиҷаҳои рушди соҳаи маорифи мамлакат дар панҷ соли охир инъикос шуд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 муассисаи таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Барои дастгирӣ ва некуаҳволии кормандони соҳа аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо боз 20 фоиз зиёд шуд.

Ҳамаи ғамхориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф гувоҳи он аст, ки ояндаи дурахшони миллату давлат ба рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим вобаста мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааанд: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ кардан ба маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

Расидан ба қадри заҳмату маблағҳои зиёди сарфгардида бобати беҳдошти муассисаҳои таълимии сартосарии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифату самаранокии таълиму тарбияи хонандагон ва таъмини кишвар бо кадрҳои болаёқат ин кафолати ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз мебошад.

Мирзо РУСТАМЗОДА,
«Садои мардум»

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - САМАРАИ ТАЛОШҲОИ ВАТАНДӮСТОНА

Музаффариятҳои Тоҷикистон дар даврони баъд аз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Бо талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат давлатдории миллати тоҷик аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Ҷаҳду талошҳои Роҳбари давлат боис гашт, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз шавад.

Вобаста ба Рӯзи ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «Бо итминоне комил ва бо ифтихор изҳор медорам, ки ваҳдати миллӣ самараи талошҳои ватандӯстонаи хурду бузурги давлати тозабунёдамон ва хизмати таърихии халқи Тоҷикистон мебошад ва маҳз, ба ҳамин хотир мо вазифадорем, ки ин неъмати бебаҳоро мисли гавҳараки чашм азизу гиромӣ дорем ва ҳифзу нигаҳдорӣ намоем».

Бо шарофати сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ мо тавонистем дар баробари эҳёи давлатдории тоҷикон ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нуфузу эътибори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ бениҳоят баланд бардорем. Илова бар ин, барои густариши сиёсати хоричӣ, рушди минбаъдаи кишвар ва таъмини амнияти давлату ҷомеа низ таҳкурсии мустаҳкам ба вуҷуд овард. Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи ягонаи рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асосии пешрафту ободии кишвар мебошад. Беҳуда нест, ки таҷрибаи сулҳи мо мавриди омӯзиши созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ қарор дорад.

Ваҳдат - беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзую армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, нумӯи даврон, ҳастии инсон дар ҳар давру замон аст. Ваҳдат Ватани азизамонро дар миқёси ҷаҳон овозадор намуд. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ пандест аз гузаштаи дуру пешрафти муттасили кишвар. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлолияти давлатии кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам шахсон ва гурӯҳои алоҳида мавҷуд ҳастанд, ки мехоҳанд ваҳдату суботи давлати соҳибистиқлоли моро бо ҳар роҳу васила халалдор намоянд. Созмону ташкилотҳои мамнӯъ дар сомонаҳои интернетӣ маълумоти бардурӯғро бо мақсади паст задани мавқеи давлати тоҷикон ва шаҳрвандони онро дар миқёси байналхалқӣ ва минтақавӣ паҳн менамоянд. Инчунин, барои расидан ба мақсадҳои ғаразнок табақаи аз лиҳози мағзшӯӣ осебпазирро ба содир намудани аъмоли ғайриқонунӣ даъват менамоянд. Дар робита ба ин мардум бояд ба ҳеҷ ваҷҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд. Фаромӯш насозанд, ки аз баррасии ваҳдати миллӣ садҳо ғояҳои бунёдкорӣ ба вуҷуд омаданд ва роҳҳои замонавӣ, иншооту коргоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо самараи ин неъмати бебаҳоанд. Аз ин рӯ, барои ободии давлату миллат ҳар фарди ватандӯст вазифадор аст, ки саҳми худро дар пешрафти Ватан гузорад ва сулҳу ваҳдати милливро эмин нигоҳ дорад, Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармо бошад, он давлат рӯз аз рӯз гул-гул мешукуфад, иқтисодиёташ тадричан афзуда, аз ҷиҳати сиёсӣ ва фарҳангӣ пеш меравад.

Ваҳдат ифодагари волотарин орзую омоли халқ гардида, дар сатҳи ғояи миллӣ ба он арҷ гузошта шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меъмори ин кохи бегазанд мебошанд. Мо онро аз касеву дигаре ба орият нагирифтаем, нусха набардоштаем, балки бо нияти неку азми қавӣ аз ҷониби фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон офарида шудааст.

Биноан, ҳифзи он вазифаи ҷомеаи ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст.

Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»

ДАРВОЗ МИНТАҚАИ САЙЁҲИСТ

Бо мақсади рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар ноҳияи Дарвоз аз ҷониби соҳибкорон бо кумаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия як қатор барномаҳо ва корҳои муҳим ба ҷо оварда мешавад.

Тибқи иттилои муовини раиси ноҳияи Дарвоз Диловар Қосимӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия барои рушди сайёҳӣ як қатор корҳои ободонӣ, бунёдкорӣ ва созандагӣ ба ҷо оварда шуд. Шаҳраки Қалъаихумб ва марказҳои деҳоти «Сағирдашт», «Нулванд», «Қалъаихумб» ва «Вишхарв» торафт ободу зебо мегарданд. Алалхусус, истироҳатгоҳҳои «Чорчаман», «Лаби оби Хумбов», «Сафедорон», «Шоми Бадахшон», инчунин зери чанорҳои деҳаҳои Кеврону Курговад, мавзеъҳои Хостав, Сохинг ва Ҷорф ба макони истироҳатии сайёҳони хоричию ватанӣ ва ронандагону мусофирон табдил ёфтаанд. Мутаассифона, дар марказҳои деҳоти ноҳия иншоот ва биноҳо ба талаботи меъморӣ ва шаҳрсозии ҳозиразамон ҷавобгӯ нестанд.

Бояд қайд намуд, ки ин камбудӣ ва нуқсонҳо аз ҷониби масъулин бартараф мегарданд. Ҳоло аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бо кумаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз чандин марказҳои хизматрасонӣ сохта, ба истифода дода мешавад. Аз ҷумла, бо саъю талоши бародарон Сулаймон ва Давлатхон Муллоёровҳо дар наздикии деҳаи Яхчи миёна, ки дар ҳудуди мамнӯъгоҳи «Сайёд» мебошад, маҷмааи сеошёна «Тангнои Дарвоз» дар доираи истиқболи сазовори 35 - умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида истодааст.

Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»

Лӯқма

НАМЕГУЗОРАНД «ОШХОНАҲО КУШОДА ШАВАНД»

Таваҷҷуҳамонро суҳбати ду шахс ба худ ҷалб кард. Яке аз онҳо, ки молики тарабхона будааст, лаб ба шикоят кушод: «Ин овезаи ошхонаи мо зеҳни як зумра ашхосро машғул кардааст. Эрод мегиранд, ҳазлу тамасхур ҳам мекунанд. Гӯё он ғалат буда, табъи бинандаро як навъ дилгир мекарда бошад…».

- Ҳамин ифодаи «Мо кушода шудем» - ро дар назар доред?

- Бале, тасдиқ кард ӯ.

- Шумо ба дурустии ин ифода итминон доред?

- Ба ҳар ҳол шубҳа надорам.Тарҷумаи шакли русии ин матлаб аст.

- Дар ин бора корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ «овезаи зишт ва бемаънӣ» гуфта, борҳо сару садо бароварданд ва ҳатто пешниҳодҳои худро низ рӯи сафҳа меоранд, вале ҳеҷ як пешниҳоди онҳо моҳияти матлабро ифода карда наметавонад, магар матлаби «Мо кушода шудем» ва гӯё дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ислоҳи ин ғалат ғайрат накарданд. Воқеан, Кумитаи забон ва истилоҳот чӣ коре кунад? Дар ҳоле ки ин овеза ягон айбу ғуборе надошта, ба табиати забони тоҷикӣ созгор буда, аз махсусиятҳои забони пурғановати адабии мост.

Дар тақвияти ин маънӣ бояд гуфт, ки калимаҳо на танҳо моли забон, балки моли адабиёт низ ба ҳисоб мераванд. Дар адабиёт як ҳолати истифодаи маънии ғайриаслӣ – гурӯҳи маҷозҳо аст, ки яке аз онҳо зикри зарф ном дорад. Яъне, зарфият (объект) зикр гардида, ифода дар дохили зарф баён мегардад. Чунин таркибҳо дорои як навъ алоқамандии маъной мебошанд. Маънои маҷозӣ гирифтани таъбир ва таркибҳо дорои обуранги бадеӣ буда, навъҳои гуногун доранд ва боиси гуногунрангии баён ва пурқувваттар гаштани таъсири он мегарданд. Масалан, «Он рӯз қишлоқ ба по хеста буд» ё «Шаҳр дар хоб буд». Яъне, аҳли қишлоқ ба по хеста буд. Маҳз, ифодаи «Мо кушода шудем» аз гунаи ҳамин навъи таркибҳост. Калимаҳо дар қолаби аслӣ маҳдуд набуда, дар сурати дигар маънои маҷозӣ касб мекунанд. Дар матлаби зикршуда ҳам ғараз ошхона аст, яъне «Марҳамат, ошхона кушода шуд». Ман фикр мекунам, ин маҳсули заҳмати зеҳнии шахсест, ки соҳиби фикри саҳеҳ ва тадбири дуруст аст, чунки мо бояд дар овезаю шиорҳо хусусиятҳои хоси забонамонро нигоҳ дорем. Ин ҳолати забонӣ дар табиати забони русӣ дида мешавад. Агар касе иқдом кунад, ки барои тозагию шаффофият ва эътибори забони давлатӣ эрод гирад, шиору овезаҳо ва расонаҳои чопӣ «лаброз» - и саҳву хато ва ғалатҳои фарогиранд.

Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»

12 -уми августи соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузории «Помиринвест - 2023» баргузор шуд, ки дар он зиёда аз 400 нафар, аз ҷумла роҳбарон ва намояндагони сафоратҳои як қатор кишварҳои ҷаҳон, ташкилотҳои давлатӣ, байналмилалӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, доираи васеи сармоягузорону соҳибкорон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, ширкат варзиданд.

ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ПОМИРИНВЕСТ – 2023» ДАР ВМКБ

Кори форумро раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода ифтитоҳ намуда, оид ба имкониятҳои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти минтақа сухан кард.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот зикр кард, ки дар раванди баргузории Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузории «Помиринвест - 2022» зиёда аз 28 шартнома ва тафоҳумнома дар соҳаҳои гуногун байни сохторҳои давлатӣ, созмону ширкатҳо ва шарикони рушд, дар доираи наздик ба як миллиард сомонӣ баста шуд.

Гуфта шуд, ки аз 28 созишномаи ба имзо расида дар соли гузашта 12 адад ба маблағи 210 млн. сомонӣ анҷом пазируфта, дар 14 лоиҳа ба маблағи 739,4 млн. сомонӣ корҳо дар ҷараён буда, роҳандозии ду созишнома ба маблағи 8,6 млн. сомонии соли равон ба нақша гирифта шудааст.

Дар форум роҳбарону намояндагони вазорату идораҳои марбутаи Тоҷикистон Шералӣ Кабир, муовини вазири рушди иқтисоди Федератсияи Россия Волвач Дмитрий Валеревич, сафири фавқулода ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мануэл Миккалер, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Туреханов Валихон Амирхон ва сармоягузорону соҳибкорон баромад намуданд.

Вобаста ба масъалаҳои асосии форум миёни иштирокдорони он табодули афкор сурат гирифта, соҳибкорону сармоягузорон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят, татбиқи лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мубодилаи афкор намуданд.

Мавриди зикр аст, ки кори форум се рӯзи дигар дар се панел – «Ҷалби сармояи ватанию хоричӣ ба иқтисодиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», «Рушди соҳаҳои саноат ва энергетика дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо таваҷҷуҳ ба эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Имкониятҳои рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори соҳа» идома меёбад.

М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»

ПАРВАРАНДАИ РАВОН

Сарлавҳаи матлаб ба рисолату фаъолияти қаҳрамони он рабт дорад. Манзур нафаре аст, ки 24 соли ҳаёти хешро сарфи тарбияи кӯдакон кардааст. Ногуфта пайдост, ки тарбияи атфол, хоса дар кӯдакистон, кори саҳлу сода нест, ҳамон гунае, ки баъзеҳо мепиндоранд. Агар падару модар парваришдиҳандаи ҷон ба ҳисоб раванд, мураббии кӯдакистон ба маънои том парварандаи равон аст. Тарбияи кӯдак маҳз аз донишу малака ва самимияти ӯ вобаста буда, дар он сурат қодир аст тамоми хислатҳои неки инсониро ба кӯдак таври табиӣ интиқол диҳад. Аз ин ҷост, ки шеваи рафтору ахлоқи мураббӣ дар сифати идроки тарбиятгиранда таъсири бевосита мегузорад. Маҳз, онҳо дар қалби тифлакон тухми меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат ва некию накукориро мекоранд, то оянда насли наврас чун ашхоси масъулиятшиносу меҳнатқарин, ободкору инсондӯст ва ватанпарвар ба камол расанд. Ин нақши созандаи мураббӣ дар камолоти шахсияти фарзандони мо ба ҳисоб меравад.

Директори кӯдакистони рақами 22 - юми шаҳри Душанбе Замира Миралиева аз шумори онҳост. Ихтисоси аввали номбурда иқтисодчӣ мебошад. Як муддат аз рӯи он фаъолият дошт ва имкон буд, ки ба зинаҳои мансабӣ боло равад, вале ин бонуи фаришташислат, замоне ки ба дунёи зебои кӯдакон ворид гашт, бо дарки покию зебоӣ ва нотакрорӣ худро ҷузъи он донисту 24 сол мешавад, ки дар ин олами поку беолоиш маскун аст. Барои он ки фаъолияташ дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ гардад, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо ихтисоси «педагог – психологи томактабӣ» хатм намуд.

Кӯдакистони зикршуда 230 тарбиятгиранда дошта, бинобар завқу шавқи роҳбари он, таълиму тарбия бо вежагиҳо роҳандозӣ шудааст. Дар ин раванд мақом ва нақши Замира Миралиева калидӣ буда, фазои хос ва аз муқаррароти зиндагии пурсаодат таркибёфтаро барои аҳли кӯдакистон фароҳам сохтааст. Қаҳрамони матлаб соҳибмаърифату соҳибҳунар буда, ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ бениҳоят содиқу арҷгузор аст.

Мавсуф ҳамчун шахси тарбиятдида кӯдаконро тарзе тарбия мекунад, ки онҳо ба самти ҷомеаи пешрафта қадам ниҳанд. Аз шумори бонувони соҳибэҳтиромӣ соҳибном аст. Масъулиятшиносӣ аз рукнҳои асосии фаъолияти ӯст. Шахсияти ӯ бо махсусиятҳояш барои тарбиягирандагон ва волидони онҳо таваҷҷуҳангез аст. Шеваи хоси кору зиндагии мавсуф комилан мусбат ва фарқкунанда аст.

Зимни суҳбат аз таваҷҷуҳу дастгирии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ёдовар шуда, афзуд, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», ки соли 1999 содир шудааст, ба маънои рамзиаш занони кишварро паси фармон овард. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки дар ягон кишвари олам мисли давлати мо занон мавриди таваҷҷуҳу дастгирӣ қарор надоштанду надоранд. Муҳиму ҷолиб он аст, ки Тоҷикистон миёни кишварҳои ИДМ ягона давлатест, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин фармонро содир кардаанд.

Ин ҳуҷҷати муҳим ҳамчун замина барои таҳия, қабул ва ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Кодекси оила ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 - юми августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001 - 2010», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006 - 2010», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 – 2016» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуд.

Ба андешаи ӯ, кормандони зинаи томактабӣ дар раванди тарбияи насли наврас нақши ҳалкунанда дошта, дар баробари падару модар, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ва ҷомеа барои шаклгирии шахсияти онҳо масъулият доранд. Қобили зикр аст, ки дар аксар маврид рисолату масъулияти мураббиёни кӯдакистон аз дигарон бештар ast.

Агар онҳо тифлаконро дуруст тарбия кунанд, онҳо дар ҳама самт комёб мешаванд ва агар каме беэътиноӣ зоҳир намоянд, пайомад ногувор хоҳад буд. Ба андешаи Замира Миралиева: «Оила ниҳоди асосии ҷомеа, манбаи парваришу тарбияи неруи солими зеҳнию ҷисмонӣ ва идомадиҳандаи наслҳо ба ҳисоб меравад. Агар ободию суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, дар навбати худ ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи поку созанда, сатҳи маърифат ва саломатии зан вобаста аст».

Хислатҳои ҳамидаи инсониро қаҳрамони матлаб дар муҳити хонавода омӯхтаву доимо сармашқи кораш аст. Месазад зикр намоем, ки ӯ фарзанди Ходими барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ Амиршо Миралиев буда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки пайрави падар бошад.

«Бо дарки масъулият мегӯям, ки падарам «фарзанди эрка» надорад, касе аз «пушт»-и ӯ ба ягон кори бад даст намезанад, зеро дар тамоми вазифаҳое, ки кор кардааст, дар сурати даст задан ба аъмоли нопок касеро, хоса фарзандонро, хотир намедид. Биноан, дар бораш гуфтаанд: «Як гап дораду як нигоҳи қаҳрогин. Сиёсатмадори пурҷазаба аст, ки аксаран ҷуръати ҳар майда - чӯйдаро бо ӯ муҳокима кардан надоштанд»,- таъкид намуд ҳамсуҳбатам.

Дар бобати падар хеле бо эҳсос сухан ронда, мухтасар шахсияти ӯро тасниф намуд: «Қиблагоҳам аз зумраи касонест, ки зиндагиро дар ҷабҳаи муборизаи барои расидан ба хайр ва аз байн бардоштани шарр сарф кардааст. Ӯ иродаи шикастнопазир, азм ва нияти нек дошту дорад. Муҳаббат ба халқу Ватан дар мағз андар мағзи ҷонаш ҷой гирифта, шуъла мезанад. Ӯ ба сӯи камолот зина ба зина ҳаракат намуд. Дар кадом вазифае, ки фаъолият кард, кордонӣ, масъулиятшиносӣ сармашқи кор буданд. Ин хислатҳои нек, усули хоси роҳбарӣ ва дурандешӣ мақоми ӯро миёни ҳамкорон боло бардошт.

Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта даврони вазнине барои мардуми Тоҷикистон буд. Боварҳо, ҳизбу ҳаракатҳо майл ба сӯи ҷудоӣ карданд. Оташи ҷанг аланга гирифт. Мавҷудияти миллати тоҷик дар зери хатар монд. Вазъияти кишвар рӯз ба рӯз бухронитар мегардид. Хавфи парокандагию нобудӣ ба миён омад. Ҳатто баъзе аз соҳибони вазифаҳои баланди давлатӣ рӯ ба фирор оварданд, тамошобин шуданд. Дар чунин вазъияти душвор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд. Дар паҳлуи Роҳбари давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳузури мардони сарсупурда, ватанхоҳ, миллатдӯст, кордону хайрхоҳ зарур буд. Падарам дар ин марҳилаи ҳассос ҳамчун ҳамсафи содиқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлати тозабунёд саҳм гузошт. Ҳуб дар хотир дорам, ки шабу рӯз кор кард, ба хона хеле дер меомад ва ё баъзе шабҳоро дар ҳуҷраи корӣ рӯз менамуд. Вақте аз ӯ барои сер набудан аз дидораш гила мекардем, посухаш чунин буд: «Содиқ будану сазовори боварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардидан, ки ҳаёту мамоташонро барои саодати Тоҷикистону ҳар як тоҷикистонӣ бахшидааند ва дар соати мушкил дар паҳлуи ӯ будан барои ҳар фарди ватандӯст шараф аст».

Падарам муъташиқ аст, ки ҳар шахс бояд вазифаи бардӯшдоштаро ба хубӣ анҷом диҳад. Вай рисолати миллию ватанхоҳиашро дар ҳамин мебинад ва ба фарзандон доимо талқин менамояд», - хулоса намуд номбурда.

Дар фарҷоми матлаб, зикри он ки занон гулҳои осмониро дар замин мекоранд, ҷомаи дилпазиру зебои ишқро дар замири худ мебофанд ва эҳсосоти латифро дар пардаи покию покдоманӣ мепарваранд, бамаврид медонам. Иртиботи ин суханон ба Замира Миралиева бевосита аст, зеро ӯ ин рисолатро бо сарбаландӣ адо карда истодааст.

Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»

Қонун ва ҷомеа

ЧАРО ОҚИЛ КУНАД КОРЕ...

«Дӯст доштани Ватан аз гӯшаи имон аст». Агар дар ҳақиқат мо Ватани худро дӯст дорем, пас муваззаф ҳастем, ки оромию осудагии он маромии ҳамешагиамон бошад. Барои амалӣ гардидани ин армонҳои наҷиб пеш аз ҳама зарур аст, ки қонунҳои амалкунандаи кишварамонро эҳтиром ва риоя кунем. Риояи қонун барои низоми рушди кишвар созгор буда, метавонад ҳар гуна ҷиноятро пешгирӣ кунад. Дар баробари ин бояд сокинони мамлакат хуб огоҳ бошанд, ки надонистани қонун вайронкунандаи онро аз ҷавобгарӣ озод намекунад.

Барои ин дар ҳудуди ҳама шаҳраку деҳаҳо лозим аст, ки гурӯҳҳои таблиғотӣ аз ҳисоби мақомоти худидораи маҳаллӣ корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳиро хуб ба роҳ монанд, то сокинони диёрамон аз муҳтавои қонунҳо ва санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ хуб огоҳӣ дошта бошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» яке аз қонунҳои муҳиме мебошад, ки донистани он аз манфиат холӣ нест ва бояд сокинони мамлакат аз мазмуну муҳтавои он хуб огоҳ бошанд. Пӯшида нест, ки бо сабаби надонистани қонуни мазкур даҳҳо шаҳрванд ба ҷиноят даст задааند ва боиси ба ҷавобгарӣ кашидани эшон шудааст. Чанде пеш шоҳиди чунин ҳодиса будам. Судяи Суди ноҳияи Рашт А. Холиқзода дар маҷлиси кушодаи судӣ парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда А., соли таваллудаш 1982, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, зодаи ноҳияи Рашт, миллаташ

тоҷик, таҳсилоташ миёна, бекор, оиладор, соҳиби панҷ фарзанд дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо моддаи 474^2 қисми яки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда баррасӣ намуд.

Муайян шуд, ки ҳуқуқвайронкунанда А. аз моҳи августи соли 2022 то охири моҳи январи соли 2023 бар хилофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» амал намуда, бе иҷозати мақомоти дахлдор аз китоби «Қоидаи бағдодӣ» дар манзили истиқоматиаш, воқеъ дар ноҳияи Рашт, Ҷамоати деҳоти «Қалъаи сурх», деҳаи Хост ба додани таълимоти ғайриқонунии динӣ ба ноболиғон, ки хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №111 мебошанд, машғул шудааст.

Барои ин кирдори зиддиқонуниаш кормандони Раёсати КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои водии Рашт барои риоя накардани қонуни мазкур ба моддаи дар боло зикршуда парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ оғоз карданд.

Ҳуқуқвайронкунанда А. дар мурофиаи судӣ ба гуноҳаш пурра иқрор шуда, гуфт, ки аз сабаби надонистани қонуни амалкунанда бе иҷозати мақомоти дахлдор ба ноболиғони ҳамдеҳааш таълими динӣ додааст.

Мавсуф зани хонанишин буда, дар ҷое кор намекунад ва ба тарбияи фарзандони худ машғул аст ва оилааш аз тарафи Ҷамоати деҳоти «Қалъаи сурх» ҳамчун оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудааст. Ӯ аз кори кардаи худ пушаймон буда, аз суд дархост кардааст, ки барояш ҷазои сабуктар таъин кунад.

Судя ҳангоми таъин намудани ҷазои маъмурӣ ба шаҳрванд А. хусусиятҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи ӯ, шахсияти гунаҳкор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмуриро ба назар гирифт.

Ҳамаи ҳолатҳои кор, шахсияти ҳуқуқвайронкунанда А., ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ва сабабҳои содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро мавриди муҳокима қарор дода, судя ба хулоса омад, ки ҳуқуқвайронкунанда онро бори аввал содир намуда, аз кирдори содирнамудааш сидқан пушаймон буда, дар тарбияаш чор фарзанди ноболиғ дошта, оилааш яке аз оилаҳои камбизоати деҳа ба ҳисоб рафта, муваққатан бекор буда, шароити зиндагиаш дар ҳолати вазнини моддӣ қарор доштанашро ҳамчун моддаи истисноӣ шуморида, аз ҷазои маъмурии ҳадди ақали пешбининамудаи моддаи 474^2 қисми яки КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастрасии моддаи 48 қисми 5 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурии пасттар таъин карданро мувофиқи мақсад шуморид.

Ҳамин тариқ ҳуқуқвайронкунанда А. бо моддаи 474^2 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии қисми 5-и моддаи 48 Кодекси мазкур ҷазо дар намуди ҷаримаи маъмурӣ ба андозаи 37 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 2516 сомонӣ ба фоидаи давлат, таъин карда шуд.

Қарори мазкурро мутолиа мекардаму пайи он андеша рафтам, ки барои пешгирии чунин қонунвайронкуниҳо онҳое, ки метавонанд ба сокинони ноҳия муҳтавои қонунҳоро бирасонанд, бояд вазифадор бошанд. Агар шаҳрванд А. аз қонуни мазкур огоҳӣ медошт, ҳеҷ гоҳ ба чунин кирдор даст намезаду баъдан пушаймон намешуд ва ин панди бузургонро пилтаи гӯш мекард: «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?!».

Диловари МИРЗО, «Садои мардум»

10810 ЗАМИНЛАРЗА ДАР НИМ СОЛ

7-уми августи соли равон дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нишасти матбуотӣ доир шуд. Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ дар баробари дастоварди олимон оид ба чанд масъалаи муҳими рӯз, аз ҷумла хокбориш, ҳифзи пиряхҳо ва заминларза, маълумот дод.

Зикр гардид, ки сабаби сол то сол зиёд шудани хокбориш тағйирёбии иқлим, биёбоншавии заминҳо ва обшавии пиряхҳо мебошад. Барои омӯзиши унсурҳои таркиби хокбориш дар шаҳри Душанбе ва минтақаи Айвоҷи ноҳияи Шаҳритус дастгоҳҳо гузошта шудаанд. Дар раванди омӯзиш ба муассисаҳои тиббӣ ва аҳолӣ барои ҳифзи солимӣ тавсияҳо пешниҳод хоҳанд шуд.

Ба саволи «Оё пиряхҳоро ҳифз кардан мумкин аст?», Ф. Раҳимӣ чунин посух гуфт:

-Шарти аз обшавӣ ҳифз намудани пирях ҳамин аст, ки қабати болоии он бояд сафед бошад. Чунин технология бо истифодаи наноплёнкаҳо мавҷуд аст, вале хароҷоти зиёдро тақозо дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки барои ҳалли ин мушкилот хазинаи махсус таъсис дода шавад.

Дар шаш моҳи аввали соли равон дар мамлакат 10810 заминларза ба қайд гирифта шудааст, - афзуд Ф. Раҳимӣ.

Дар фароварди нишасти матбуотӣ дар бораи кашфи конҳои фосфорит маълумот дода шуд, ки онҳо метавонанд ба рушди соҳаи кишварзӣ такони ҷиддӣ бахшанд. Аз фосфорит хокаи фосфордор, амофос ва суперфосфат истеҳсол кардан мумкин аст, ки алҳол кишоварзони ҷумҳурӣ ба он ниёз доранд.

Н.НИЗОМӢ, «Садои мардум»

ТОҶИКМАТЛУБОТ: 7,2 МЛН. СОМОНӢ ФОИДАИ ТАВОЗУНӢ

- Дар давоми нимсолаи якуми соли 2023 ба миқдори 548 адад ҳуҷҷату мактуб ворид гардид, ки 153 адади он аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, - зикр кард муовини раиси Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Хуршед Раҳмонализода зимни нишасти матбуотӣ, ки 3-юми августи соли 2023 баргузор гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ба буҷети мамлакат аз ҳамаи намуди манбаъҳо ба маблағи 16 млн. сомонӣ андоз пардохт шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 11 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 7, 2 млн. сомонӣ фоидаи тавозунӣ ба даст оварда шуд.

Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши молу маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар молҳои ниёзи аввалияро ҳамарӯза дар бозорҳои соҳа ба роҳ мондааст. Шумораи бозорҳои соҳа 63 адад буда, дар онҳо 23 ҳазор шаҳрванд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Зикр гардид, ки дар соҳаи кооператсияи матлуботи мамлакат барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ 41 адад анбор дар масоҳати 38041 метри мураббаъ ва 3 адад сардхона барои нигоҳдории 2100 тонна маҳсулот фаъолият менамоянд.

Дар мувофиқа бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар рӯзҳои муайяншуда ва ҷойҳои таъингардида, аз ҷумла дар арафаи Соли нави мелодии 2023, Наврӯзи байналмилалӣ, моҳи Рамазон ва арафаи иди Қурбон, ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия ташкил карда шуд. Ғайр аз он, ташкилоту хоҷагиҳои соҳа дар ярмаркаҳои фурӯши молу маҳсулот, ки дар маркази шаҳру ноҳияҳо ва маҳаллаҳои калони аҳолинишин ташкил гардидааст, фаъолият мекунанд.

Оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2023 таҳти №125 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024» қарор ва нақшаи Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» қабул гардида, анбору сардхонаҳо то оғози мавсими захираи маҳсулоти кишоварзӣ таъмир ва бо лавозимоти зарурӣ таъмин карда мешаванд.

Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»

ҚАНОАТМАНДИИ ДИРЕКТОРИ «ТОҶИКСТАНДАРТ» АЗ МАСЪУЛИЯТШИНОСИИ СОҲИБКОРОН

Нишастҳои матбуотии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» махсусиятҳои худро дошта, ба фаъолият шурӯъ намудани озмоишгоҳҳои муосир, нобудсозии молу маҳсулоти бесифати ошкоргардида, ба маъраз гузоштани таҷҳизоти муосири барои тавсеаи фаъолият дастрасгардида аз ҳамон ҷумлаанд. Ин навбат (дуюми августи соли 2023) низ анъанаи мазкур истисно набуд.

Сипас, миёни роҳбарияти «Тоҷикстандарт» ва рӯзноманигорон муҳоварае озоду самимӣ доир шуда, дар ин замина, журналистон ба саволҳояшон посухҳои қаноатбахш гирифтанд. Ҷолибу муҳимтарин маълумоти дар нишаст ироагардида аз ҷониби соҳибкорон ба «Тоҷикстандарт» ихтиёран супоридани 46 ҳазор кг маҳсулоти гуногуни хӯрокворӣ, ки муҳлати истеъмолашон гузаштаанд, мебошад. Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳобзода аз ин раванд қаноатмандӣ карда, онро самараи корҳои фаҳмондадиҳӣ арзёбӣ намуд.

Дар ин муддат назорати бозори истеъмолӣ ва ҳимояи он аз воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва хатарнок мадди назар қарор гирифта, 460 ҳазору 808 кг маҳсулоти гуногуни пастсифати хӯрокворӣ ошкор гардид. Темурҷон Абдулваҳобзода масъалаи мазкурро шарҳу тавзеҳ дода гуфт, ки як қисми ин маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ (344 ҳазору 806 кг) ва боқимонда (116 ҳазору 2 кг) аз лиҳози тамғагузорӣ дар борҷома ба талабот ҷавобгӯ набуданд. Аз ҷумла, вобаста ба сифату бехатарӣ ва тамғагузорӣ 209 ҳазору 242 кг маҳсулоти гӯштӣ, 4 ҳазору 509 кг равғани растанӣ, 35 ҳазору 768 литр нӯшокии спиртӣ, 69 ҳазору 304 литр нӯшокии ғайриспиртӣ, 20 ҳазору 152 кг маҳсулоти қаннодӣ, 2 ҳазору 785 кг маҳсулоти ширӣ, 18 ҳазору 152 кг иловагиҳои ғизоӣ, 3 ҳазору 134 кг намак ва дигар маҳсулот, ки қисми зиёдашон маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб мераванд, ғайристандартӣ эътироф шуда, мутобиқи тартиби муқарраргардида нисбат ба воридкунандагони ин маҳсулот чораҳои маъмурӣ андешиданд.

Санҷишу назорат дар фаъолияти «Тоҷикстандарт» мақоми меҳварӣ дошта, дар нимсолаи аввали соли 2023 вобаста ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва ҳимояи бозори истеъмолӣ дар 2 ҳазору 580 субъекти хоҷагидор санҷиш ва назорати қоидаҳои савдо гузаронида шуд.

Дар ин замина барои вайрон кардани қоидаҳои савдо, фиреб додани истеъмолкунандагон ва риоя накардани талаботи қонунгузории соҳа дар 3 ҳазору 627 ҳолат ашхоси мучрим ба маблағи 974 ҳазору 572 сомонӣ ҷарима шуданд.

Сифат ва бехатарии маводи сӯзишворӣ низ мавриди таваҷҷуҳи журналистон қарор гирифт. Масъулин иттилоъ доданд, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 озмоишгоҳҳои маҳсулоти нафтии агентӣ дар 2 ҳазору 217 ҳолат 434 ҳазору 739 тонна маҳсулотро аз ташхис гузаронидаанд. Натиҷа ин аст, ки дар 58 ҳолат 33,3 тонна сӯзишворӣ аз лиҳози нишондоди октанӣ, миқдори сулфур, таркиби фраксионӣ ва ҳарорати яхбандӣ ғайристандартӣ эътироф гардид. Сӯзишвории зикршуда ба тамғаи дигар гузаронида, нисбат ба ҳолатҳои мазкур, тибқи тартиби муқарраргардида, ҷарима таъин гардид.

Иттилоъ гирифтем, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 бо мақсади назорати риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва қонунгузории соҳа дар 916 корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ санҷиш гузаронида, 178-тои он бо сабаби риоя нагардидани талаботи муқарраргардида ба маблағи 95 ҳазору 594 сомонӣ ҷарима шудааанд.

Дар доираи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июли соли 2020 барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ тавассути низоми «Равзанаи ягона» идома дошта, дар агентӣ ва марказҳои зертобеи он расмиёти сертификаткунонӣ бо риояи талаботи низоми мазкур ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ин, дар соли ҷорӣ нисбат ба 79 ҳазору 451 тонна меваю сабзавоти содиротӣ корҳои сертификатсионӣ гузаронида шуд.

Дастоварди дигар он аст, ки дар давраи мавриди назар дар 59 корхонаи ватанӣ низоми менеҷменти сифат ва корҳои сертификатсионӣ ҷорӣ гардид, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 23 корхона зиёд мебошад.

Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»

113 НАФАР ХАТМКАРДА БА САФИ АРТИШ ПАЙВАСТАНД

Дуюми августи соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Дилшод Раҳмон иттилоъ дод, ки баъди супоридани имтиҳонҳои давлатӣ 113 нафар хатмкардаи донишгоҳ бо хоҳиши худ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвастанд. Роҳбарияти донишгоҳ барои хатмкардагоне, ки баъди адои хизмати ҳарбӣ нияти таҳсил карданро дар зинаи магистратура доранд, бидуни мушкилот метавонанд, ки ройгон таҳсили илм намоянд.

Фаъолияти таълимии донишгоҳ аз рӯи низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шуда, айни замон дар зинаи бакалавр аз рӯи 70 ихтисос 10 195 донишҷӯ, магистратура аз рӯи 28 ихтисос 197 магистрант ва дар зинаи докторантураи PhD аз рӯи 30 ихтисос 69 докторант таҳсил мекунанд.

Алҳол дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб 625 омӯзгор фаъолият менамоянд, ки аз ин занҳо 243, мардҳо 382 нафар мебошанд.

Гуфта шуд, ки шумораи донишҷӯёни тибқи Квотаи президентӣ таҳсилкунанда дар донишгоҳ 416 нафар ва ятимони кул бошанд, 32 нафарро ташкил дода, онҳо ҳамеша зери таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ қарор доранд.

Зимни нишаст гуфта шуд, ки дар ин давра 1867 нафар донишгоҳро хатм намуданд. Феълан дар донишгоҳ 6 нафар стипендияи президентӣ ва 7 донишҷӯ стипендияи раиси вилояти Хатлонро мегиранд. Бояд гуфт, ки аз шумораи хатмкардагони донишгоҳ 519 нафар сессияро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуданд.

Донишҷӯёни донишгоҳ инчунин, дар мусобиқаҳои варзишӣ иштироки фаъолона намуда, сазовори 5 медали тилло, 10 нуқра, 8 биринҷӣ ва 20 ифтихорнома гардида, 9 нафар ҳамчун номзад ба устоди варзиш ва 6 нафар сазовори унвони устоди варзиш гардиданд.

Тибқи қарори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2023 дар заминаи иҷозатномаи фаъолияти донишгоҳ 9 ихтисос дар зинаи бакалавр ва 3 ихтисос дар зинаи магистратура ворид шуд, ки шурӯъ аз соли нави таҳсили 2023 - 2024 аз рӯи ихтисосҳои мазкур гурӯҳҳои академӣ таъсис дода мешаванд.

Исломи ҲАЙДАР, «Садои мардум»

ДОНИШҶӮЁНИ ЯТИМИ КУЛЛ ИДРОРПУЛИИ МАХСУС МЕГИРАНД

- Дар давраи ҳисоботӣ барои татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз дастовардҳои назаррас таъсиси 21 ихтисоси нави ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва беруна ҷавобгӯйбуда дар зинаҳои бакалавриат, магистратура ва докторантура PhD ба ҳисоб меравад, - иттилоъ дод ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Жило Гулназарзода зимни нишасти матбуотӣ 4-уми августи соли равон.

Дар шаш моҳи аввали соли равон Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон 12 нафар омӯзгорро барои аз такмили ихтисос ва 15 нафар донишҷӯро барои идомаи таҳсил ба хориҷи мамлакат равона намуд, ки аз 12 нафар омӯзгор 3 нафар ба Ҷумҳурии Ҳиндустон ва 9 нафар ба Федератсияи Россия фиристода шуданд. Ҳамзамон 15 нафар донишҷӯ ба хориҷи мамлакат, аз ҷумла Кореяи Ҷанубӣ 2 нафар, Ҷопон - 4, Ҳиндустон - 1 ва Федератсияи Россия 8 нафар, ҷалб гардиданд.

Айни ҳол дар донишгоҳ 3 нафар омӯзгори хориҷӣ, аз ҷумла як нафар шаҳрванди Кореяи Ҷанубӣ, як нафар аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва як нафар аз Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолият намуда истодаанд. Ҳамчунин, дар донишгоҳ 586 нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз Туркманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Федератсияи Россия ба таҳсил фаро гирифта шуда, 10 нафар шаҳрванди хориҷӣ ба ҳайси шунавандаи забони тоҷикӣ дар назди кафедраҳо таҳсил менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ 41 нафар донишҷӯ бинобар сабаби аз оилаҳои камбизоат, ятиму нимятим ва дорои имкониятҳои маҳдуд аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил озод карда шуданд.

Дар заминаи роҳнамоию ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ятимону бепарасторон раёсати донишгоҳ ба 6 нафар донишҷӯи ятими кулл таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳар моҳ дар ҳаҷми 250 сомонӣ ба онҳо кумакпулӣ ҷудо менамояд.

Ёдовар мешавем, ки Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мутахассисонро аз рӯи 11 забон ва 3 ихтисос дар зинаи бакалавриат, магистратура ва докторантура бо касбҳои ба бозори меҳнат рақобатпазир омода менамояд.

Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»

МОИ «ДАНҒАРА»: 12 СУБЪЕКТ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛӢ ДОРАД

Муовини раиси ноҳияи Данғара Садриддин Сайдализода сеюми августи соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия корҳои ободонию созандагӣ идома доранд. Аз шумораи 179 иншооти банақшагирифташуда дар 41 иншооти таъиноти гуногун корҳои сохтмонӣ ба анҷом расиданд.

Арзиши умумии иншооти бунёдшуда зиёда аз 160 миллион сомониро ташкил медиҳад. Алҳол корҳои сохтмонӣ идома дошта, дар назар аст, ки соли ҷорӣ 38 иншооти дигар мавриди истифода қарор дода шаванд.

Зикр шуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2023 корхонаҳои саноатии ноҳия якҷо бо бахши хусусӣ ба маблағи 1 миллиарду 223,6 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки ҳаҷми истеҳсол нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 24,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди соҳаи саноат ва таъсиси бештари ҷойҳои нави кор, саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ бо ҷалби соҳибкорон бунёди 28 корхонаи хурду бузурги саноатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки айни замон дар ноҳия Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» фаъолият менамояд, ки дар он 30 субъекти хоҷагидорӣ ба қайд гирифта шуда, 12-тои он фаъолияти истеҳсолӣ дорад. Маҳсулоти дар давраи ҳисоботӣ истеҳсолнамудаи онҳо ба маблағи 30,1 миллион сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 700 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи андоз бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар ин давра 100 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 111 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 30,5 ҳазор сомонӣ ва нисбат ба соли гузашта 19,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 846,1 миллион сомонӣ расонида шуд, ки афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 83,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»

КӮЛОБ: 1037 КИЛОГРАММ МАҲСУЛОТИ ПАСТСИФАТ НОБУД КАРДА ШУД

- Кормандони Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар минтақаи Кӯлоб дар 6 моҳи аввали соли 2023 барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти пастсифат маҳсулоти муҳлати истифодаашон гузаштаро ба миқдори 1037 килограмм аз муомилот гирифта, бо иштироки комиссия ва кормандони воситаҳои ахбори омма онҳоро несту нобуд карданд,- гуфт Ҷӯрахон Сайдализода зимни нишасти матбуотие, ки 31- уми июли соли равон баргузор гардид.

Номбурда зикр кард, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар 171 нуқтаи савдо, бозорҳо ва нуқтаҳои хӯроки умумӣ 62 санҷиш бо иштироки кормандони мақомот гузаронида, барои риоя накардани қоидаи савдо нисбат ба 215 нафар соҳибкори нуқтаҳои савдо, хӯроки умумӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 54 ҳазору 128 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

Инчунин, дар ин давра маҳсулоти хӯрокворӣ 250,5 кг, маҳсулоти гӯштӣ - 171, хӯриш - 95, маҳсулоти ширӣ - 32, чой - 11, намаки ошӣ - 77, қайлаи помидор - 7, ранг - 4 кг, нӯшокиҳои ғайримашрубот ва машруботи 411,5 литр ва нӯшокии энергетикии «Горилла» 76,5 литр аз муомилот гирифта шуд.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки дар давраи мавриди назар аз тарафи кормандони шуъбаи санҷиш оид ба риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар маҷмааи агросаноатӣ бо дархости соҳибкорони шаҳру минтақаи Кӯлоб дар фаъолияти 138 корхонаи истеҳсолӣ корҳои сертификатсионӣ гузаронида шуда, дар панҷ ҳолат 65000 кг намаки ғайристандартӣ дар корхонаҳои ҶДММ «Диловар - Н» 10000 кг, ҶДММ «Намакдон» 10000 кг, ҶДММ «Душанбе» 20000 кг ва ҶСК «Хоҷа Муъмин» - и ноҳияи Восеъ 25000 кг ошкор гардид.

Р. ИСЛОМ, «Садои мардум»

ТАНҚИД БА ХОТИРИ ПЕШРАФТ

Танқиди одилонаю асоснок, ки рӯзноманигорон мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд, боиси ислоҳи камбудиҳои аз мадди назари мутасаддиён дурмонда мегардад. Ин матлабро зимни нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои шашмоҳаи аввали соли 2023 раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода баён намуд.

Мавсуф иброз дошт, ки таваҷҷуҳи доимии намояндагони воситаҳои ахбори омма ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим падидаи нек буда, водор менамояд, ки мутахассисони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода дар иҷрои вазифаҳои касбиашон ба муҳлат ва сифати хизматрасониҳо аҳамияти хоса диҳанд.

Бояд иброз дошт, ки шаҳри Турсунзода яке аз шаҳрҳои саноатии ҷумҳурӣ ба шумор рафта, дар он барои иҷрои ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Дар шаш моҳи аввали соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳр 520,5 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳоло дар шаҳр 80 коргоҳу корхонаи саноатӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 корхона зиёд мебошад. Дар ин давра дар корхонаҳои саноатии шаҳри Турсунзода 86 навъи маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааанд.

Дар доираи тадбирҳои ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон дар маркази шаҳр ва Ҷамоати деҳот корҳои ободонӣ вусъат ёфта, бунёду барқарорсозии 398 иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф 93 иншоот, тандурустӣ - 32, варзиш - 30, саноат 21 иншоот, 34 маркази хизматрасонӣ ва савдо, таъмири асосии роҳ дар 45 мавзеъ ба дарозии 130 км, сохтмони 6 пул, кашидани хатти оби нӯшокӣ дар 7 мавзеъ аз ин ҷумла мебошанд. То ҳол 113 иншооти гуногун ба истифода дода шуда, роҳҳои байнидеҳавию дорои аҳамияти маҳаллии шаҳри Турсунзода бо маблағгузории мақомоти иҷроия ва ҷалби соҳибкорону саҳми сокинони деҳот беш аз 19 км асфалтпӯш ва 93 км таъмири ҷорӣ шудаанд.

Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»

Ба саволи хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» барои бо ҷои кор таъмин гаштани хатмкардагон, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Сайфиддин Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 2-юми августи соли равон баргузор гардид чунин посух дод:

- Дар соли таҳсили 2022-2023 аз 3608 нафаре, ки донишгоҳро хатм карданд, 358 нафар хатмкунандаи донишгоҳ тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми мамлакат дар муассисаҳои соҳаи маориф бо ҷои кор таъмин гаштанд.

Зикр шуд, ки донишгоҳ раванди таълимро аз рӯи 93 ихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ва берун аз он ба роҳ мондааст.

Агар дар соли таҳсили 2021-2022 бист нафар омӯзгори донишгоҳ рисолаи номзадӣ ва як нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намуда бошанд, дар соли таҳсили 2022 2023-юм теъдоди ҳимоягари рисолаҳои номзадию докторӣ ба 34 нафар расидааст. Яъне, неруи илмии донишгоҳ рӯз аз рӯз зиёд гардида, потенсиали илмии он дар соли таҳсили сипаригардида 34,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли 2023 омӯзгороне, ки тасдиқи рисолаҳои докторию номзадиашонро гирифтанд, аз тарафи раёсати донишгоҳ ба маблағи 106 ҳазор сомонӣ ва роҳбарони илмии унвонҷӯён ба маблағи 27 ҳазор сомонӣ ҳавасманд гардонида шуданд.

Дар назди донишгоҳ ду Шӯрои диссертатсионӣ амал менамояд, ки дар соли таҳсили сипаригардида 6 нафар рисолаи номзадию докторӣ ҳимоя намуданд.

ОМӮЗГОРОН ҲАВАСМАНД ГАРДОНИДА ШУДАНД

Айни замон донишгоҳ бо 22 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ дорад.

- Раёсати донишгоҳ дар оянда мақсад дорад, ки вобаста ба иҷрои «Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таъсиси гурӯҳҳои таълимашон бо забонҳои англисӣ ва кореягии ихтисосҳои омӯзгориро ташкил намояд, - гуфт Сайфиддин Давлатзода.

С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»

ХАТИ НАВИ ПАРВОЗ

Дар шаш моҳи аввали соли 2023 Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар ба 190 хатсайр хизматрасонӣ намуд, ки ин нишондод дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 22 хатсайр кам мебошад.

Ин нуктаро директори фурудгоҳ Фарҳод Абдурашидзода зимни нишасти матбуотӣ, ки дуюми августи соли равон баргузор гардид, зикр кард.

Дар ин давра беш аз 34 ҳазор мусофир қабул ва 32 ҳазору 168 нафар гусел карда шуданд, ки ҳаҷми бору бағоҷи онҳо зиёда аз 970 тоннаро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби хизматрасониҳои фурудгоҳӣ ба маблағи 10 миллиону 689 ҳазору 100 сомонӣ даромад шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлат 2 миллиону 120 ҳазор сомонӣ пардохт гардид.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки барои бунёди хати нави парвоз барои қабули тайёраҳои калонҳаҷм ба маблағи 110 миллион сомонӣ лоиҳа омода шуда, барои ҷалб намудани шарикони рушд коргузорӣ рафта истодааст.

- Бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон лоиҳаи сохтмони терминали дуошёнаи мусофирон дар таҳияи нав барои дар як соат қабулу гусел намудани 600 нафар мусофир омода гардид, ки барои дарёфти маблағ бо сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ корбарӣ рафта истодааст, - гуфт Ф. Абдурашидзода.

С. СУЛАЙМОН, «Садои мардум»

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1-уми сентябри соли 2023 озмуни №10-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

т/р	Дорандаи баланс	Суроғa	Тавзеҳоти объекти иҷора	Таъинот	Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо somonӣ)	Муҳлати иҷора
1	Бинои базаи маъмурию истеҳсолии ҶДММ «Тропикан инвест» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад	масоҳати бино 1594 м²	истеҳсолӣ	96000	то ҳолати фурӯши иншоот
2	Минтақаи истироҳатӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	ноҳияи Варзоб, деҳаи Харангон	масоҳати бино 2125 м²	истироҳатгоҳ	100000	то ҳолати фурӯши иншоот
3	Фабрикаи дӯзандагии «Шарофат» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов - 1	масоҳати бино 3193 м²	истеҳсолӣ	350000	то ҳолати фурӯши иншоот
4	Бинои базаи истеҳсолӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов - 2	масоҳати бино 1238 м²	истеҳсолӣ	60000	то ҳолати фурӯши иншоот
5	Дӯкони тичоратӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	ноҳияи Рашт, кӯчаи Усмон	масоҳати бино 10 м²	савдо	6000	то ҳолати фурӯши иншоот
6	Бинои филиали бонк аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	ш.Гулистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, хонаи 2	масоҳати бино 365 м²	истеҳсолӣ	30000	то ҳолати фурӯши иншоот
7	Бино ва иншооти ҶСШК «Ленпромстройматериал» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	шаҳри Хуҷанд, Минтақаи озоди иқтисодӣ	масоҳати бино 6520 м²	истеҳсолӣ	120000	то ҳолати фурӯши иншоот
8	Бинои маъмурӣ, сехи истеҳсолӣ ва сехи таъмири нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди ҶСШК «Заводи ба хелҳо ҷудокунии шағалҳо» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»	ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов, гардиши Чойрух-Дайрон	масоҳати бино 2020 м²	истеҳсолӣ	70000	то ҳолати фурӯши иншоот
9	Корхонаи фарғии «Гранд»-и КВД «Садаф»	шаҳри Хуҷанд, Минтақаи саноатии шимолу шарқӣ	масоҳати 2700 м² аз ҳисоби бинои корхона	истеҳсолӣ	64790	3 сол
10	Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф»	шаҳри Хуҷанд, Минтақаи саноатии шимолу шарқӣ	масоҳати 1260 м² аз ҳисоби ҳудуд ва бинои корхона	истеҳсолӣ	30225	3 сол
11	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №31 бо масоҳати 50 м² аз ҳисоби бинои №34А	анбор	14664	2 сол
12	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №54 бо масоҳати 114,5 м² аз ҳисоби бинои №8А	утоқи корӣ	55452	2 сол
13	Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз - 26	масоҳати 235 м² аз ҳисоби ҳудуди боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»	хизматрасонӣ	36400	3 сол
14	Беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи А. Нурматов	шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев - 5	масоҳати 27,23 м² аз ҳисоби даромадгоҳи бино	савдо	4900	3 сол
15	Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ	шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 121	масоҳати 14 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои хобгоҳи №2	савдо	13500	2 сол
16	Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ - 77	масоҳати 112,4 м² аз ҳисоби бинои корхона	маъмурӣ	10400	3 сол
17	Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59	масоҳати 54 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои №5	савдо	11700	2 сол
18	Беморхонаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев - 43	1-утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум бо масоҳати 10 м²	савдо	2800	3 сол
19	Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ - 5/1	масоҳати 155 м² аз ҳисоби бинои марказ	маъмурӣ ва хизматрасонӣ	12432	2 сол
20	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №24 бо масоҳати 24 м² аз ҳисоби бинои №25А	утоқи корӣ	13824	1 сол
21	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №14 бо масоҳати 47 м² аз ҳисоби бинои №8А	анбор	16200	1 сол
22	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №58 бо масоҳати 77 м² аз ҳисоби бинои №14А	анбор	19960	1 сол
23	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №59 бо масоҳати 84 м² аз ҳисоби бинои №14А	анбор	21775	1 сол
24	ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар»	вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, шаҳри Бохтар	масоҳати 210 м² аз ҳисоби таваққуфгоҳи назди фурудгоҳ	таваққуфгоҳ	9850	1 сол
25	МД «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода - 31	масоҳати 38 м² аз ҳисоби назди бинои ошхона	савдо	11500	1 сол
26	Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ	шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 121	масоҳати 2,25 м² аз ҳисоби бинои донишгоҳ	нуқтаи таъмири пойафзол	1680	1 сол
27	Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шифобахш»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59	масоҳати 5 м² аз ҳисоби ҳудуди марказ	савдо	3600	1 сол
28	Намояндагии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар вилояти Суғд	шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев - 191	масоҳати 77 м² аз ҳисоби бинои 1-ум, масоҳати 40 м² аз ҳисоби бинои 2-юм масоҳати 20 м² аз ҳисоби ҳудуди назди биноҳо	хизматрасонӣ	8220	1 сол
29	КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров	вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров	масоҳати 200 м² аз ҳисоби айвони кушодаи мошинсарой	истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ	14400	1 сол
30	Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ - 37	масоҳати 163,2 м² аз ҳисоби бинои ошхона	хӯроки умумӣ	12000	1 сол
31	Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино - 29-31	масоҳати 68,45 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои «Пажӯҳишгохи тибби бунёдӣ»-и донишгоҳ	маъмурӣ	24000	2 сол
32	Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов	ноҳияи Ҷаббор Расулов	масоҳати 238 м² аз ҳисоби як қисми бинои маъмурӣ	маъмурӣ	39600	1 сол
33	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №32 бо масоҳати 40 м² аз ҳисоби бинои №34А	анбор	11967	1 сол
34	Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ - 5/1	масоҳати 18 м² аз ҳисоби бинои муассиса	хизматрасонӣ	4344	2 сол
35	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №27 бо масоҳати 24 м² аз ҳисоби бинои №25А	утоқи корӣ	11750	1 сол
36	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №57 бо масоҳати 71 м² аз ҳисоби бинои №14А	анбор	26500	1 сол
37	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №11 бо масоҳати 13 м² аз ҳисоби бинои №32А	утоқи корӣ	8115	1 сол
38	Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 31	масоҳати 53 м² аз ҳисоби бинои ошхона, воҳеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, 28	хӯроки умумӣ	5400	1 сол
39	МБТО «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода - 30	масоҳати 16 м². аз ҳисоби назди бинои «А»	хизматрасонӣ	5500	1 сол
40	ШСХК «Барқи Тоҷик»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 64	масоҳати 239,5 м² аз ҳисоби тагхонаи бино	хӯроки умумӣ	30000	1 сол
41	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №72 бо масоҳати м² аз ҳисоби бинои №33А	анбор	6000	1 сол
42	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	утоқи кории №64 бо масоҳати 22 м² аз ҳисоби бинои №14А	анбор	7000	1 сол
43	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тибби»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7	анбори №1 бо масоҳати 50 м² аз ҳисоби бинои №25А	анбор	24937	1 сол
44	Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Осоишгоҳи Хоҷа Обигарм»	ноҳияи Варзоб	масоҳати 16,90 м² аз ҳисоби бинои «Б»	савдо	5280	1 сол
45	Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - «Баҳористон»	шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз - 31	масоҳати 96,2 м²аз ҳисоби бинои корхона	хӯроки умумӣ	11400	1 сол
46	Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо - 3	масоҳати 200 м² аз ҳисоби бинои ошхонаи корхона	хӯроки умумӣ	14400	1 сол

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1. Тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ ишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссионго ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyadakvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

12-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 МУЗОЯДАИ № 7-РО ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТИ ҒАЙРИМАНҚУЛ БАРПО МЕНАМОЯД.

- Бино ва иншооти Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, воҳеъ дар вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати шаҳраки Ғафуров. Нархи ибтидоӣ - 418 000 somonӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар музояда ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

Funded by European Union Humanitarian Aid · IFRC · Finnish Red Cross · German Red Cross · Croce Rossa Italiana

ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерӣ аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсус ва хоҳишмандонро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Салиби Сурхи Олмон ва Салиби Сурхи Финландия дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити бухрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):

Лоти 1: Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани 21 тренинг оид ба назорати эпидемиологӣ ва расонидани ёрии аввалини психологӣ барои аъзои КМҲФ ва волонтёрон дар шаҳру ноҳияҳои мақсадноки вилояти Суғд.

Аз рӯи лоиҳаи «Солимии ҷомеа» (CBHFA ССФ):

Лоти 2: Гузаронидани санҷиши аудитии фаъолияти молиявии лоиҳаи «Солимии ҷомеа» барои давраи аз 1-уми июли соли 2021 то 31-уми декабри соли 2023.

Аз рӯи лоиҳаи «DREF MDRTJ035»:

Лоти 3: Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани семинар - машварати дурӯза оид ба сабаҳҳои омӯхташуда барои 25 то 30 нафар дар яке аз осоишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз рӯи лоти 3 то 22-юми августи соли 2023, соати 09⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад).

Аз рӯи лоиҳаи «Вокуниш ба масъалаҳои гурезаҳо дар Тоҷикистон»:

Лоти 4: Таҳҳизоти асосии наҷотдиҳӣ ва либосаи махсус (униформа) барои аъзои гурӯҳҳои миллии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода;

Лоти 5: Таъмиру тармими марказҳои идоракунию иттилоотии истиророӣ (шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб);

Лоти 6: Сохтмони анбор дар шаҳри Душанбе;

Лоти 7: Насби камераҳои мушоҳидавӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи марказӣ ва анборҳои марказии ҶҲАТ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони **224-42-85** занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ мурочиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 28-уми августи соли 2023, соати 09⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ЦЕНТР УПРАВЛЕНИЯ ПРОЕКТОМ ПО УПРАВЛЕНИЮ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЫ» ПРОЕКТ ПО УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ И ИРРИГАЦИЕЙ (ПУУВРИ)

ГРАНТ №: IDA E0790-TJ Грант №: EU TFOB 8740-TJ

Приглашение на участие в конкурсе на замещение вакантной должности Специалист по мониторингу и оценке

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия расходов по Проекту по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией (ПУУВРИ).

Проект состоит из четырех компонентов: (i) Реформа водного сектора и институциональное укрепление, (ii) Улучшение ирригационных систем, (iii) Управление проектом; и (iv) компонент чрезвычайного реагирования. Реализующим агентством является Центр управления проектом (ЦУП) при АМИ (ЦУП ПУВРФД) и Группа реализации проекта (ГРП) при МЭВР.

Целями развития проекта являются: (i) наращивание потенциала в области планирования водных ресурсов и управления ирригацией в Таджикистане на национальном и бассейновом уровнях; и (ii) повышение эффективности отдельных ирригационных систем в бассейнах рек Вахш и Заравшан. В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности: **Специалист по мониторингу и оценке.**

Квалификационные требования:

✓ Высшее образование в области управления водными ресурсами, сельского хозяйства, экономики, государственного управления или других соответствующих областях;

✓ Не менее 5 лет работы в сфере M&O инвестиционных проектов и программ, направленных на развитие;

✓ Свободное владение и работа с текстовыми программами и с электронными таблицами, базами данных;

✓ Опыт работы с первичными количественными данными, статистическими методами обработки данных;

✓ Опыт проведение тренингов и способность разработки руководств для пользователей;

✓ Опыт в области мониторинга и оценки проектов, финансируемых международными донорскими организациями, такими как Всемирный банк приветствуется;

✓ Высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, честность и порядочность;

✓ Отличные коммуникативные навыки и способность работать в команде будут расцениваться как преимущество. Способность соблюдать установленные сроки;

✓ Свободное владение таджикским и русским языками

✓ Высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, честность и порядочность;

✓ Отличные коммуникативные навыки и способность работать в команде будут расцениваться как преимущество. Способность соблюдать установленные сроки.

Для получения информации о квалификационных требованиях и дополнительной информации заинтересованным участникам будет представлено по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло 9 этаж, офис ЦУП УВРФД) или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru.**

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности:

✓ Заявление на участие в конкурсе

✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке

✓ Копия диплома об образовании (оригинал)

✓ Копия паспорта

✓ Рекомендательные письма

✓ Копии сертификатов о дополнительном образовании (при наличии).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, офис ЦУП УВРФД или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru).**

Окончательный срок представления документов **24.08.2023 г. до 16⁰⁰** часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседование.

ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком.

Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

ПЕРЕВОДЧИК

Задача и объем услуг:

✓ Высококачественный письменный перевод всей корреспонденции, документации и материалов, связанных с Проектом;

✓ Качественный и устный перевод на встречах, конференциях, рабочих обсуждениях, связанных с Проектом;

✓ Выполнение в оговоренные сроки устных и письменных, полных и сокращенных переводов, обеспечивающих точное соответствие переводов лексическому, стилистическому и логическому содержанию оригиналов, соблюдение требований к научно-техническим терминам и определениям;

✓ Перевод научно-технической, медицинской, общественно-политической, экономической и другой специализированной литературы, описаний патентов, нормативно-технической и товаросопроводительной документации, переписки с зарубежным организациями, а также материалов конференций, встреч, семинаров и др.

Квалификационные требования и опыт работы:

✓ Диплом о высшем образовании;

✓ Подтвержденные (тестом и собеседованием) хорошие навыки устного и письменного перевода на трех языках;

✓ Общий опыт работы письменным и устным переводчиком на трех языках (русский-английский-русский и таджикский-английский-таджикский) не менее 5 лет;

✓ Опыт работы письменным/устным переводчиком в международных организациях и/или организациях, финансируемых международными донорами, не менее 3-х лет;

✓ Отличные навыки работы на компьютере (MS office, MS Word, MS Excel, Power point, Internet E-mail и др.).

Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:

✓ Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Координатора Проекта Абиджановой Н.Н. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;

✓ Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

✓ Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

✓ Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов до **28 августа 2023 г.,** 15⁰⁰ по местному времени.

Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Tel: (+992) 37 221 06 91

Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи силсилаи ТСИ №0033723 таҳти қайди №5593-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Чӯраев (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) 28-уми июни соли 2001 ба Мухидинов Субхиддин Шамсидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи қисми литери 1А1ХХ - и хонаи истиқоматии силсилаи НТ № 0769248 таҳти феҳрасти 1Ш-970, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 16-уми сентябри соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар ба Ҳадятуллоҳи Имомидин додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 57«а» ба Нурова Замира Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 29-уми августи соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 57 «а» ба Нурова Замира Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 57 «а» ба Нурова Замира Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А№ 01628794-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28-уми ноябри соли 2018 ба Мирзоева Маҳастӣ Мухторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ №0420073-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 6-уми июли соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 91/2, хонаи 20 ба Мангитова Гулчеҳра Кенҷаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №705849-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд соли 1979 ба Баҳодуров Асрор Муҳитдинович додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Ҳоҷӣ Назар» эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Кафолат» эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Клара Цеткина, бинои 82/2, хонаи 66 ба Ҷӯрақулова Ҳилол Эшмаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи 2-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 21-уми сентябри соли 1994 таҳ